**Қарори**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**15 июни соли 2024, №76 ш. Душанбе**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тақризи роҳбари илмӣ – д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., тақризи муассисаи пешбар –Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов А.Б., ва номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумрукии филиали Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд – Исматов Х.Ҳ., баромади мутахассисон аз руйи тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Улугхоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Султонов З., д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М. ва д.и.и., профессор Қурбонов А.К. - ро шунида ва муҳокима намуда, шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Файзуллозода Бахтовар Сайфуллоро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раиси шуро:** Иҷозат диҳед унвонҷӯро бо ҳимояи бо муваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шурои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**15.06.2024**